## *ТАҚРИЗ*

***ба автореферати диссертатсияи Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна дар мавзуи “Хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст.***

Диссертатсияи Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна дар мавзуи “Хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ” ба яке аз масъалаҳои мубрами педагогикаи муосир бахшида шуда, зарурати омӯзиши амиқи масоили мазкур ва бо методҳои интерактивӣ баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии донишҷӯён асоснок карда мешавад.

Чӣ тавре, ки муаллиф қайд менамояд, дар шароити имрӯза эҳтиёҷ ба мутахассисон - омӯзгорони ҷавони кордон ва аз ҷиҳати ҳуқуқӣ босавод, ки барои мустақилона пеш гузоштан ва ҳал кардани муаммоҳои гуногуни касбӣ ва иҷтимоӣ қобиланд, тақвият меёбад.

Тамоюлҳои рушди ҷомеа ба шахсияти мутахассиси оянда талаботи навро пеш меорад. Мутахассиси ҷавон мувофиқи талаботи имрӯзаи ҷамъиятӣ ва давлатӣ бояд соҳиби донишҳои амиқ оид ба ихтисоси интихобшуда, донишҳои ҳуқуқӣ, қобилият ба эҷоди техникӣ ва иҷтимоӣ бошад, доимо худро такмил диҳад, аз ҷиҳати шахсӣ ва касбӣ инкишоф ёбад, барои кор дар шароити бозории меҳнат ва рақобати шадид омода бошад, ки хоси бозори муосири меҳнати касбӣ аст.

Аз ин лиҳоз, иқдому ибтикори довталаб ҷиҳати ба таври мушаххасу комил мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додани мавзуи ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ басо муассиру ҷавобгӯ ба талаботи замон буда, аз муҳим будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии эшон шаҳодат медиҳад.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулосаҳо, феҳристи адабиёти илмӣ ва замимаҳо иборат аст.

Муаллифи диссертатсия дар муқаддима оид ба мубрамии масъалаи мазкур, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, ҳадаф, объект ва фарзияи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, марҳалаҳои таҳқиқот, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия, коркарду татбиқи натиҷаҳои кор хеле хуб мулоҳизаронӣ намудааст.

Бояд қайд кард, ки довталаб бо мақсади баррасии ҳаматарафаи мавзуи таҳқиқот адабиёту осори илмии олимону муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷиро омӯхта, вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониаш таҳлилу таҳқиқ ва кор ба таври густурда мавриди истифода қарор додааст.

Натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастовардаи унвонҷӯй мақсаднокии истифодаи методҳои интерактивии таълимро дар мисоли таълими фанни "Ҳуқуқ" барои ихтисосҳои омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, яъне омӯзгорони оянда тасдиқ мекунанд.

Бояд зикр кард, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ то ба имруз ба қадри кофӣ аз ҷониби олимони соҳаи педагогикаи тоҷик мавриди таҳқиқ қарор нагирифта, вобаста ба ин муҳаққиқ дар ин ҷода кори илмӣ-таҳқиқотии шоёнеро ба анҷом расонидааст.

Навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти Бобоҷонова Саломат арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро бозгӯ карда, собит месозад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои илмию амалии ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос мекунанд.

Лозим ба ёдварист, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ арзишҳои назаррасро соҳиб буда, дақиқӣ ва возеҳии он дар гузориши проблема ва роҳҳои ҳалли он, ҳадаф, вазифа ва фарзия ва аҳамияти назариявию амалии он андешаҳои фавқро собит месозад.

Андешаҳои дар боло иброзшуда арзиши илмию амалии диссертатсияи Бобоҷонова Саломатро собит сохта, дар иҷрои кори таҳқиқотӣ салоҳиятнокии илмӣ, мустақилият, тафаккури илмӣ доштан ва соҳиби маҳорату малакаи иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ будани унвонҷӯйро нишон медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои методӣ аз ҷиҳати илмию методӣ асоснок карда шудаанд.

Ба андешаи банда, довталаб ба мақсадҳои таҳқиқот комёб шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштаро ҳаллу фасл кардааст. Автореферати диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои мухтасари диссертатсияро ифода мекунад. Мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшаванда чопнамудаи муаллифи рисола мазмуни таҳқиқотро пурра инъикос мекунанд.

Дар маҷмуъ, рисолаи ба дифоъ пешниҳоднамудаи муаллиф ба доираи талабот мувофиқ карда шудааст ва эроди ҷиддиро талаб намекунад. Мазмуни асосии он дар бобҳои диссертатсия гирд оварда шуда, мантиқан ифодагари натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалии муаллиф мебошад, ки дар баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ беасар нахоҳад монд.

Диссертатсияи Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна дар мавзуи “Хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ” ба талаботи меъёрҳои Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, бо назардошди тағйиру иловаҳо ба тартиби мазкур тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023 таҳти № 295 ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор мебошад.

Д.и.п., профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Холназаров С.

Маълумот барои тамос : 735140, Ҷумхурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш.Бохтар, кучаи Айнӣ, 67. Тел. +(992)3233-25481. Моб. 918274643. E-mail: ktsu78@mail.ru

Имзои Холназаров Сангро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ" ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС